**ПРОТОКОЛИ №52**

**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**15 марти соли 2025** **ш. Душанбе**

Дар ҷаласа иштирок доштанд:

1. Усманова Туфа Ҷумаевна д.и.и., 08.00.01.01
2. Собирзода Нурали Мирали д.и.и., 08.00.10
3. Гулов Шерали Маҳмадсаидович н.и.и., 08.00.01.01
4. Ғаниев Таварали Бобоевич д.и.и., 08.00.10
5. Раҳимзода Ҳисайн Раҳим д.и.и., 08.00.13
6. Комилов Сироҷиддин Ҷаллолиддинович д.и.и., 08.00.13
7. Қодирзода Диловар Баҳриддин д.и.и., 08.00.01.01
8. Қандиёрова Дилбар Облоқуловна д.и.и., 08.00.13
9. Қаюмов Нуриддин Қаюмович д.и.и., 08.00.13
10. Низамова Туҳфамоҳ Давлатовна д.и.и., 08.00.10
11. Шерова Наргис Давроновна д.и.и., 08.00.01.01
12. Обидов Фозил Саидович д.и.и., 08.00.10
13. Шамсзода Илёсҷон Сафар д.и.и., 08.00.10
14. Умаров Хоҷамаҳмад д.и.и., 08.00.01.01
15. Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт д.и.и., 08.00.13

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи экспертӣ д.и.и., профессор Низамова Т.Д. оид ба шиносоии пешакии диссертатсияи пешниҳодгардидаи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) баромад намуда, қайд кард, ки диссертатсия мазкур барои ҳимоя қабул карда шавад.

Диссертатсия зери мушовирии д.и.и., профессор, Ғаниев Таваралӣ Бобоевич омода гардидааст.

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), инчунин, самти фаъолияти

шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмӯъ 96 мақолаи илмӣ аз он ҷумла, 36 мақолаи он дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Комиссияи экспертӣ барои ҳимоя намудани диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тавсия медиҳад. Шурои диссертатсионӣ баромади аъзоёнро шунида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмӯъ 96 мақолаи илмӣ аз он ҷумла, 36 мақолаи он дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ҷавобгӯ мебошад.
3. Бо пешниҳоди комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Амонова Дилбар Субҳоновна -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон;

– **Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

– **Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназарзода –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъйин карда шавад.

5. Санаи ҳимоя 21-уми июни соли 2025 муайян карда шавад.

6. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

7. Омода намудани лоиҳаи хулосаи экспертии шуро оид ба диссертатсияи Искандарзода Ҳ.Ҳ. ба уҳдаи д.и.и., профессор Низомова Т.Д., д.и.и., профессор Собирзода Н.М. ва д.и.и., профессор Шамсзода И.С. вогузор карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Тарафдор - 15 нафар; зид- нест; бетараф - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор — Усманова Т.Ҷ.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Гулов Ш.М.